# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Шодмонзода Орзу Шодмон дар мавзуи «Вазъи иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии Данғара дар замони Шуравӣ ва давраи Истиқлол» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00-Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02–Таърихи ватанӣ)**

Бо ба даст омадани истиқлолияти давлатӣ марҳалаи нав ва босамари таҳқиқу омӯзиши таърихи чандинҳазорсолаи халқи тоҷик оғоз ёфт. Зеро истиқлолият ба раванди омӯзиши таърих, усул ва методҳои таҳқиқ, ҳамчунин дастрасӣ ба сарчашмаҳои таърихӣ, аз ҷумла маводи бойгонӣ, имкониятҳои фароху тоза бахшид. Ҳамзамон, таърих ва донишҳои таърихӣ ба яке аз воситаҳои асосии худшиносии миллӣ, таҳкими ваҳдат ва ягонагии ҷомеа табдил гардиданд. Омили муҳим ва созандаи болоравии мақоми илми таърих ва донишҳои таърихӣ дар ҷомеаи кишвар пеш аз ҳама таваҷҷуҳи бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба таърих, сабақҳои он, тамаддун ва ойину суннатҳои аҷдодӣ мебошад. Маҳз ҳамин таваҷҷуҳ илми таърихро ба рукни муҳими ваҳдатсоз ва воситаи таҳкими худшиносӣ ва ҳувияти миллӣ табдил додааст.

Дар давраи соҳибистиқлолӣ, пас аз асрҳои тӯлонӣ, манфиат ва андешаҳои миллӣ дар сиёсати давлатӣ ҷойгоҳи калидӣ пайдо карданд. Ин раванд муҳаққиқон ва муаррихонро водор сохт, ки бо дарназардошти манфиат ва арзишҳои миллӣ ба таҳқиқи саҳифаҳои гуногуни таърихи миллат, аз ҷумла бахшҳои камомӯхта ва норӯшани он, рӯ оваранд. Дар ҳамин замина, бознигарии таърихи садсолаи ахир ва бозтоби дастовардҳои назарраси давраи соҳибистиқлолӣ аҳамияти вижа касб намуд. Аз ҷумла, мавзуи ин таҳқиқоти илмӣ, ки ба омӯзиш ва таҳқиқи таърихи давраи навини яке аз минтақаҳои калони ҷумҳурӣ —

ноҳияи Данғара — бахшида шудааст, қадаме муҳим дар ин самт мебошад.

Рисола пеш аз ҳама ба омӯзиш ва таҳқиқи таърихи ташаккул ва рушди ноҳияи Данғара дар давраи Иттиҳоди Шӯравӣ, инчунин таҳаввулоти ҷиддии иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии он дар замони соҳибистиқлолӣ равона шудааст.

Гуфтаҳои боло водор месозанд, ки вобаста вазъи иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии Данғара дар замони Шуравӣ ва давраи Истиқлол дар таърихи Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми хосса доро мебошад. Дар ин замина таҳқиқ ва таҳлили мавзуи «Вазъи иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии Данғара дар замони Шуравӣ ва давраи Истиқлол» дар шароити кунунии кишвари мо мубрам ва зарур арзёбӣ шуда, ҳамчун мавзуи кори диссертатсионӣ интихоб гардидани он мувофиқи мақсад дониста мешавад.

Дар автореферати диссертатсия Шодмонзода Орзу Шодмон зикр менамояд, ки марҳалаи рушди ноҳия ба давраи соҳибистиқлолӣ рост меояд. Дар партави сиёсати созандаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар баробари дигар минтақаҳои кишвар ноҳияи Данғара низ комилан симои худро дигар намуда, ба минтақаи калони саноатию кишоварзӣ ва фарҳангии ҷумҳурӣ мубаддал гардид.

Муҳтавои автореферат нишон медиҳад, ки байни объект, предмет, ҳадаф ва вазифаҳои тадқиқот бо навгониҳои илмӣ ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда мувофиқат ва ҳамоҳангии назаррас мавҷуд аст. Натиҷаҳои нав ва мавқеъҳои муаллиф, ки ба ҳимоя пешниҳод мегарданд, бо заминаи назариявӣ ва мантиқи умумии диссертатсия пайванди мустақим дошта, бо мазмун ва сохтори таҳқиқот пурра мувофиқат мекунанд.

Ҳамин тариқ, автореферати диссертатсияи номзадии Шодмонзода Орзу Шодмон дар мавзуи «Вазъи иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии Данғара дар замони Шуравӣ ва давраи Истиқлол» ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.00-Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02–Таърихи ватанӣ) мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
н.и.т., мудири кафедраи методикаи таълими
таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи
Носири Хусрав Садриддини А.
«17» 10 соли 2025

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон,
В.Хатлон ш.Бохтар, к.Ваҳдат, 50
Тел.: (+992) 883777676
E-mail: ayniddin.sadriddin@mail.ru

«Имзои н.и.т. Садриддини А -ро
тасдиқ мекунам»
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи
Носири Хусрав Исозода Т.И.
«17» 10 соли 2025

**Суроғаи муассиса:**
735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
В. Хатлон ш.Бохтар, к. Айни,67
Тел.: (+992)8322225481
E-mail: bgu. @mail.ru
Сомонаи расмӣ: www.btsu.tj